УДК- 631 (03)
ББК- 40
С-67

**АҲАМИЯТИ ЭКОЛОГИИ МУАЙЯНСОЗИИ УМУМИЯТ ВА ФАРҚИЯТИ МАФҲУМҲОИ “ИСТЕҲСОЛОТИ АГРАРӢ” ВА “ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗӢ”**

***Собиров Мурод Собитҷонович*** *- дотсенти кафедраи экология ва ҳифзи табиати МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”, номзади илмҳои кишоварзӣ*

***Очилова Фотима Ҳамдамовна*** *- дотсенти кафедраи экология ва ҳифзи табиати МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”, номзади илмҳои биологӣ*

***Шарипова Саноат Восидовна*** *- ассистенти кафедраи экология ва ҳифзи табиати МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”*

**ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ ОПРЕДЕЛЕНИЯ ОБЩНОСТИ И РАЗЛИЧИЯ ПОНЯТИЙ "АГРАРНОЕ ПРОИЗВОДСТВО" И "СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЕ ПРОИЗВОДСТВО"**

***Собиров Мурод Собитджонович*** *- доцент кафедры экологии и охраны природы ГОУ “Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова”, кандидат сельскохозяйственных наук*

***Очилова Фотима Хамдамовна*** *- доцент кафедры экологии и охраны природы ГОУ “Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова”, кандидат биологических наук*

***Шарипова Саноат Восидовна*** *- ассистент кафедры экологии и охраны природы ГОУ “Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова”*

**ECOLOGICAL SIGNIFICANCE OF THE GENERAL DEFINITION AND DIFFERENCE OF THE CONCEPTS "AGRICULTURAL PRODUCTION" AND "RURAL ECONOMY"**

***Sobirov Murod Sobitjonovich*** *- Associate Professor, Department of Ecology and Nature Protection, Khujand State University named after academician B. Gafurov, Candidate of Agricultural Sciences*

***Ochilova Fotima Khamdamovna*** *- Associate Professor, Department of Ecology and Nature Protection, Khujand State University named after academician B. Gafurov, Candidate of Biological Sciences*

***Sharipova Sanoat Vosidovna*** *– Assistant of the Department of Ecology and Nature Protection, Khujand State University named after academician B. Gafurov*

***Вожаҳои калидӣ:*** *истеҳсолот, истеҳсолоти аграрӣ, истеҳсолоти кишоварзӣ, умумият, фарқият, аҳамияти экологӣ*

*Дар мақола аҳамияти экологии умумият ва фарқияти мафҳумҳои "истеҳсолоти аграрӣ" ва "истеҳсолоти кишоварзӣ" муайян карда шуда, зарурати воридоти ислоҳҳо ба адабиётҳои мавҷудаи соҳавӣ пешниҳод карда мешавад. Аниқ карда шудааст, ки дар натиҷаи дақиқ истифода бурдани мафҳумҳои зикрёфта муносибати ҷомеа ба истилоҳҳои баҳсӣ тағйир меёбад. Таъкид мегардад, ки истифодаи дақиқи мафҳумҳо барои рушди илмҳои кишоварзӣ ва муайян намудани муносибати байни ҷамоаҳо дар самтҳои иқтисодӣ ва табиатшиносӣ мусоидат хоҳад кард.*

***Ключевые слова:*** *производство, аграрное производство, сельскохозяйственное производство, общность, различие, экологическое значение*

*В статье определяется экологическое значение, общность и различие понятий "аграрное производство" и "сельскохозяйственное производство" и предлагается внесение поправок при использовании их в отраслевой литературе. Уточняется, что при корректном использовании понятий меняется отношение общества к этим понятиям. Указывается, что корректное применение вышеназванных понятий будет способствовать развитию сельскохозяйственной науки и определении отношений между сообществами в контексте экономических и естественных наук.*

***Key words:*** *production, agricultural production, agricultural production, commonality, difference, ecological significance*

*The article defines the ecological significance of the commonality and difference between the concepts of "agrarian production" and "agricultural production" and proposes amendments when used in industry literature. It is clarified that with the correct use of concepts, the attitude of society towards these concepts changes. It is indicated that the correct application of the above concepts will contribute to the development of agricultural science and the definition of relations between communities in the context of economic and natural directions.*

Дар адабиётҳои муосири илмӣ ва оммавӣ, расонаҳои хабарӣ ва манбаҳои дигари иттилоотӣ бо сабаби боло рафтани дараҷаи маънавиёт ва маърифати ҷомеа, аз ҷумла маърифати экологии аҳолӣ давраҳои охир эътибори мушаххас ба мавқеи истифодаи мафҳумҳои илмӣ ва соҳавӣ, истифодаи дақиқи онҳо дар адабиётҳои илмӣ ва расонаҳои иттилоотӣ бо дарки мавқеи онҳо дар ташаккули мафкураи ҷомеа торафт афзуда истодааст. Зеро, дар давраҳои қаблӣ гирифтани дониш ва саводи касбии мутахассиси соҳавӣ, аз ҷумла экологӣ тавассути донистани шумораи маҳдуди истилоҳу мафҳумҳо кофӣ ва басанда бошад, инқилоби илмӣ-техникӣ, ҳадафҳои нави стратегии ҷомеа, аз ҷумла рушди "зеҳни сунъӣ" боиси тағйири муносибат ба маъно ва мавқеи истифодаи мафҳумҳо гардидааст. Зеро, раванди рушди ҷомеа ва пешрафти илму техника, технологияҳои нав боиси бавуҷудоии истилоҳҳои нави сершумор шуда истодааст. Ҳангоми истифодаи баъзе мафҳумҳо ва истилоҳҳо ба сифати манбаи пешниҳоди маълумотҳо ҳолатҳои мухталифи иштибоҳӣ ба мушоҳида мерасанд, ки эҳтимолан боиси носаҳеҳ пешниҳод намудани маълумотҳои расмӣ ва хулосабарории ноаниқ гардад. Бинобар ин дар замони муосир шарҳи воқеии истилоҳу мафҳумҳо, алалхусус истилоҳҳои навпайдо хеле зарур ва ҳатмӣ мебошад. Масалан, мувофиқи маълумоти Кумитаи истилоҳоти назди Академияи таҳсилоти Федератсияи Россия танҳо давоми соли 2021 - 25 адад ва соли 2022-151 адад дар ин мамлакат истилоҳҳои нав бо забони расмӣ илова карда шудааст, ки шарҳи васеи пурраи илмиро талаб менамояд. Зеро, ҳангоми истифодаи истиллоҳҳои нав эҳтимолияти пайдоиши маъноҳои наздик ва ҳатто муқобил маъно вуҷуд дорад.

Мебояд қайд кард, ки Кумитаи истилоҳоти назди Академияи Миллии Илмҳои Тоҷикистон тӯли солҳои соҳибистиқлоли кишвар дар самти интихоб, ҷобаҷогузарӣ, воридот, шарҳ, тафсир ва ҷабҳаҳои дигари тозагии забони давлатӣ заҳматҳои зиёде кардааст. Вале, то ҳанӯз ҳангоми шиносоӣ бо манбаҳои расмию ғайрирасмии иттилооотӣ ошкор мегардад, ки истифодаи истилоҳҳо ва мафҳумҳои наздикмаъно хеле маъмул аст, вале дар аксарияти ҳолатҳо онҳо бо маънои аслӣ истифода нашуданд ё худ дар мазмуни ҷумла фаҳмиши дигар пайдо шудааст. Ҳол он, ки иваз шудани истилоҳ ё мафҳуми алоҳида бо истилоҳи дигар барои дарки пурра ва воқеии маълумотҳои пешниҳодшуда кӯмак намекунад ва баръакс боиси пайдо гаштани тасаввуроти ноаниқ, носаҳеҳ ва иштибоҳона мешавад.

Бо назардошти вазъи мавҷудаи фазои иттилоотӣ дар доираи мақолаи мазкур ҷуръати маънидоди истилоҳҳои наздикмаъно ба мисоли "истеҳсолоти аграрӣ" ва "истеҳсолоти кишоварзӣ" кӯшиш карда шудааст, ки эҳтимолан аз ҷониби муҳаққиқони дигар мавриди таҳқиқ ва муҳокимаи минбаъда низ қарор гирифта шавад.

Давоми солҳои 2015-2022 -ум зиёда аз 146 манбаҳои расмӣ ва ғайрирасмии иттилоотӣ, ки ҷабҳаҳои мухталифи рушди ҷомеаро инъикос менамуданд, мавриди таҳқиқу ташхис баҳри дарёфти хусусиятҳои умумӣ ва фарқияти истилоҳҳои маъмули соҳаи кишоварзӣ қарор дода шуданд. Ошкор карда шуд, ки дар аксарияти манбаъҳо ҳангоми инъикоси дастовардҳои сиёсӣ-иқтисодии соҳаи кишоварзӣ, маъмулан истилоҳҳои дар забони русӣ мавҷудаи "сельское хозяйство", "сельскохозяйственное производство", "аграрное производство" аз ҷониби коршиносони соҳа таҳтуллафз бо забони тоҷикӣ тарҷума карда шудааст, ки шаклҳои "кишоварзӣ", "хоҷагии кишоварзӣ", "истилоҳоти кишоварзӣ", "истеҳсолоти аграрӣ"-ро дар бар гирифтааст. Мебояд хотиррасон кард, ки дар забони тоҷикӣ аз қадимулайём мафҳуми "кишоварз" сермаъно бошад ҳам, асосан ифодагари фаъолияти деҳқон, барзгар буда, баъдтар фаъолияти чорвопарварӣ низ ба он марбут гаштааст. Аз ин лиҳоз, истилоҳи "кишоварз" маънои нафари машғул ба истеҳсолоти кишоварзӣ фаҳмида мешавад.

Ҳангоми тарҷумаи таҳтуллафзи истилоҳи "сельское хозяйство", чун "соҳаи кишоварзӣ" ё "хоҷагии кишоварзӣ" фаҳмиши иштибоҳӣ ба амал меоварад. Зеро, мафҳуми "кишоварзӣ" маънои фаъолияти соҳаи муайянро дар бар мегираду истифодаи вожаи "соҳаи кишоварзӣ" қулайтар аст. Аммо, бо вожаи "хоҷагии кишоварзӣ" тарҷума шудани истилоҳи "сельское хозяйство" қобили қабул буда наметавонад. Зеро, воқеан истилоҳи "хоҷагӣ" ифодаи шуғли муайян набуда шакли муносибатҳои ҳаётӣ мебошад. Бар замми он, вожаи "соҳаи кишоварзӣ" тарҷумаи саҳеҳи вожаи русии "сельскохозяйственное отрасль" мебошад. Вале, дар забони тоҷикӣ истифодаи "соҳаи кишоварзӣ" ҳамчун тарҷумаи истилоҳҳои "сельское хозяйство" ва "сельскохозяйственное отрасль" маъмултар аст. Дар ин мавқеъ тарҷумаи таҳлуллафзии "хоҷагии кишоварзӣ" носаҳеҳ буда метавонад танҳо ҳангоми ифодаи субъекти алоҳида, яъне хоҷагидорӣ истифода гардад.

Таҳқиқи мантиқии истилоҳҳои зикрёфта, ки дар адабиётҳои илмии соҳаи экология низ инъикос гардидааст, муайян менамояд, ки чунин фаҳмишҳои гуногунмаъно мавриди тарҷума аз забони русӣ ва истифодаи истилоҳҳои "истеҳсолоти кишоварзӣ" ва "истилоҳоти аграрӣ" низ ҷой дорад. Ҷоиз ба қайд аст, ки дар расонаҳои иттилоотӣ доир ба умумият ва фарқияти истилоҳҳои номбурда муҳаққикони сершумор андешаҳои мухталиф баён намудаанд. Таҳлили маълумотҳои мавҷуда гувоҳӣ медиҳанд, ки аксарияти муҳаққиқон ҳам дар забони русӣ ва ҳам забони англисӣ наздик будани маънои истилоҳҳои номбурдаро зикр намуда таъкид мекунанд, ки онҳоро набояд ҳаммаъно ҳисобид. Бинобар ин, истифодаи бомавқеи онҳо мувофиқи мақсад دониста мешавад. Дар расонаҳои иттилоотӣ бо забони тоҷикӣ бошад, алҳол мафҳумҳои "истеҳсолоти кишоварзӣ" ва "истеҳсолоти аграрӣ" бештар чун истилоҳҳои ҳаммаъно истифода мегарданд, ки бештар ба сатҳи донишу саводи касбии муаллиф такя менамояд. Масалан, аз 146 адад манбаҳои иттилоотии таҳлилгашта танҳо дар 31 адади онҳо истилоҳҳои зикрёфта дар манбаи аслӣ бо таври саҳеҳ истифода бурда шудаанду дар ҳолатҳои дигар ба сифати истилоҳҳои ҳаммаъно омадаанд, ки метавонад боиси иштибоҳ ва нофаҳмиҳои муайян гардад. Чунин қонуният ҳангоми истифодаи истилоҳҳои зикрёфта дар адабиётҳои илмӣ -оммавӣ ва соф илмӣ ба назар мерасад, ки эҳтимолан сабаби асосии истифодаи онҳо дар маълумотҳои расмии давлатӣ шудааст. Зеро, ҳангоми таҳия ва қабули Барномаҳои давлатӣ, Консепсияҳо ва ҳоказо бештар коршиносон ба манбаҳои илмӣ-оморӣ такя менамоянд, ва ҳам тарзи баёни расмии истилоҳҳоро нигоҳ медоранд.

Давоми таҳқиқотҳо муайян карда шуда аст, ки дар мақолаҳои мухталифи маҷмӯаҳои илмӣ, аз қабили "Кишоварз", "Номаи Донишгоҳ" ва ғайра, ки маҷаллаҳои бонуфузи илмии дар Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қайдшуда мебошанд, истифодаи истилоҳҳои "истеҳсолоти кишоварзӣ", ҳамчун ҳаммаънои "истеҳсолоти аграрӣ" ошкор карда шудааст. Масалан, дар мақолаҳои Аҳмадов Ҳ.М., Аминов Ш.Р., Набиев Т.Н., Қаробоев О.Ҳ., Асозода Н.М., Хоҷаев Ш.Н ва дигарон, ки давоми солҳои 2014-2021 ба нашр расидаанд ва мӯҳтавои онҳо натиҷаи муҳими тадқиқотҳои соҳаи кишоварзӣ мебошанд, ҳолати зикрёфта муқаррар карда шудааст [1,2]. Дар аксарияти онҳо омадааст, ки "истеҳсолоти кишоварзӣ"- асоси воқеии истеҳсоли маҳсулоти ғизоии аҳолӣ ба шумор рафта бахри таъмини амнияти озуқаворecho мамлакат мебояд минбаъд ҳаматарафа рушд ёбад (Аҳмадов Ҳ.М., Асозода Н.М.,2018). Ҳол он, ки истеҳсолоти кишоварзӣ танҳо раванди технологияи парвариши зироатҳои маданӣ, ҳайвоноти хонагиро дар бар мегирад ва барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо истифодаи оқилонаи захираҳои замин, об, моддаҳои гуногуни химиявӣ ва ғайра алоқаманд буда, дар таркиби худ соҳаҳою самтҳои мухталифи хоҷагидорӣ - растанипарварӣ, сабзавоткорӣ, боғдорӣ, чорводорӣ ва амсоли онҳоро дар бар мегирад. Вале, ҳатто зинаи аввали пешниҳоди маҳсулоти кишоварзӣ иборат аз мутобиқсозӣ ба талаботи истеъмолкунанда, яъне шустушӯ, ба навъҳо ҷудо намудан, интихоби андозаи муайян, ҷобаҷогузорӣ дар зарфҳои махсуси интиқол бо воситаи нақлиёт, нигоҳдорӣ дар сардхонаҳо ва ғайра аллакай зинаҳои коркарди аввалия ва ҷараёни махсуб ба технологияи саноатӣ мебошад, ки наметавонад дар доираи мафҳуми "истеҳсолоти кишоварзӣ" қарор гирад. Масалан, парвариши чорвои калони шохдор дар фермаҳои ширию молӣ, моли майдаи шохдор дар чарогоҳҳои мавсимию доимӣ қисми муҳими истеҳсолоти кишоварзӣ маҳсуб меёбад, вале маҳсулотҳои ниҳоии онҳо бо истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ - шир, гӯшт, пашм ва ғайра маҳдуд мешаванд. Маҳсулотҳои истеҳсолоти кишоварзӣ дар корхонаҳои саноатӣ баъд аз қабули маҳсулоти кишоварзӣ мавриди коркарди аввалия ва чуқур қарор дода мешаванд, аллакай мутобиқ ба истилоҳи "истеҳсолоти аграрӣ" мебошад.

Андешаҳои мухталиф бобати ин масъала аз ҷониби баъзе олимон баён гардида бошад ҳам, то ҳол дар байни олимону мутахассисони мамлакатҳо ва мактабҳои илмии гуногун ақидаи муайяни дақиқ ба сифати мафҳумҳои аслӣ қабул нагардидаанд. Сабаби чунин ҳолат аз як ҷониб набудани эътибори хоса ба мазмун ва моҳияти истилоҳҳои зикрёфта мебошад. Аз ҷониби дигар, дар аксарияти ҳолатҳо мутахассисони соҳаи кишоварзӣ истифодаи мафҳуми "истеҳсолоти аграрӣ"-ро ҳамчун ифодаи пурраи фаъолияти хоҷагидории соҳа меҳисобанд. Баъзе мутахассисон танҳо аз солҳои 90-уми асри XX то

инҷониб истифодаи алоҳида ва мавқеъи ин истилоҳҳоро таъкид намоянд ҳам, то ҳозир ба хулосаи аниқе наомадаанд [2,3]. Дар адабиётҳои илмӣ - оммавӣ, оммавӣ, расонаҳои иттилоотии бо забони тоҷикӣ нашршаванда нисбати истифодаи бомавқеи истилоҳҳои "истеҳсолоти аграрӣ" ва "истеҳсолоти кишоварзӣ", умуман таваҷҷуҳи хоса зоҳир намегардад, ки дар маҷмӯъ боиси тасаввуроти номуайяну ноаниқ дар мафкураи фарди алоҳида ва ҳам ҷомеа пайдо гаштан мешавад [4,5].

Мебояд қайд кард, ки таҳқиқоти мазкур қадамҳои нахустин дар самти муайянсозии ҷабҳаҳои умумӣ ва фарққунанда байни истилоҳҳои "истеҳсолоти кишоварзӣ" ва "истеҳсолоти аграрӣ" дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки барои мубоҳиса ба саъму таваҷҷӯҳи доираи васеи олимону мутахассисони соҳаҳои гуногуни илмӣ пешниҳод гардидааст[6].

Дар заминаи омӯзишу таҳлил, мушоҳида ва таҳқиқи масъалаи мазкур метавон хулосаҳои зерин баён карда шаванд, ки минбаъд барои истифодаи бомавқеи истилоҳҳо дар манбаҳои расмӣ ва илмии иттилоотӣ, боиси ташаккули фаҳмиши амиқу дақиқ дар мафкураи қишрҳои мухталифи ҷомеа зарур хоҳанд буд:

-истилоҳҳои "истеҳсолоти аграрӣ" ва "истеҳсолоти кишоварзӣ" истилоҳҳои ҳаммаъно набуда ҷараёнҳои гуногуни технологияҳои истеҳсолиро дар бар мегиранд;

-истеҳсолоти кишоварзӣ - раванди парвариши зироатҳои маданӣ бо истифодаи оқилонаи захираҳои замин, об, иқлим, захираҳои генетикии зироатҳо ва ғайраро дар бар гирифта, асосан ба тавлиди ашёи хом барои истеҳсолоти аграрӣ мусоидат менамояд;

-истеҳсолоти аграрӣ - ҷараёни истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, коркарди саноатии аввалия ва чуқуртари маҳсулоти кишоварзиро бо тавлиду дигаргунсозии намудҳои нави маҳсулот мебошад, ки баҳри қонеъ гардонидани талаботи истеъмолии аҳолӣ пешниҳод карда мешавад;

-истифодаи бамавқеи истилоҳҳои "истеҳсолоти аграрӣ" ва "истеҳсолоти кишоварзӣ" дар адабиётҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ, оморӣ ва ғайра барои пайдоиши тасаввуроти дақиқ дар мафкураи инфиродӣ ва ҷомеавӣ мусоидат намуда, боиси аз байн рафтани нофаҳмиҳо, иштибоҳҳо ва ҳоказо мегардад;

-масъалаи мавқеъи истифодабарӣ, мазмун ва моҳияти истилоҳҳои номбурда мебояд мавриди омӯзишу таҳқиқҳои минбаъда қарор дода шуда доираи истифодаи онҳо аз ҷониби олимону мутафаккирон, аз ҷумла муҳаққиқони соҳаи экология муайян ва аниқ карданро тақозо дорад.

Умуман, масъалаи таҳқиқгардида заминаи баҳсӣ дошта барои саҳеҳияти мафкураи ҷомеа дар раванди ташаккули зеҳнӣ ва фитрат равона гардидааст, ки дар натиҷаи мубоҳисаҳои минбаъдаи назариявӣ бо истифодаи амалия боиси истифодаи бомавқеи истилоҳҳо мегардад.

## ПАЙНАВИШТ


1. Арманд Д.Л. Региональные системы противоэрозионных мероприятий.- М., 1972, с.542.
2. Ахмадов Х.М. Закономерности развития эрозионных процессов в высотно-геоморфологических зонах юга Средней Азии.// Эрозиоведение: теория, эксперимент, практика. (Тез. Докл. всесоюзной конф. М., декабрь 1991). - М.: МГУ, 1991, с. 6-7.
3. Ахмадов Х.М. Влияние крутизны и длины склонов на развитие эрозионных процессов в горной территории юга Средней Азии. // Изв. АН Тадж ССР. -Отд. Биол. Н.- Душанбе, 1989, с.23. Деп. В ВНИТИ, 17.05.1990 № 2715- в 90.1991. №1
4. Ахмадов Х.М. Общая оценка заовраженности территории Таджикистана. // Тр. НИИП.-Т.20.-Душанбе: Дониш, 1979.-С. 152-160.
5. Ахмадов Х.М.,Коваленко В.С. Развитие эрозионных процессов в Таджикистане и меры борьбы с ними. -Душанбе: Таджик НИИНТИ. -1984, 44с.
6. Ахмадов Ҳ.М. Эрозия почв в Таджикистане и районирование по методам борьбы с ней.- Душанбе, 2010.- 528с.
7. Аҳмадов Ҳ.М. Аминов Ш.Р. Тавсиянома оиди усулҳои парвариши ток дар заминҳои шартан обёришавандаи минтақаҳои пасткӯҳӣ Тоҷикистон.- Душанбе, 2015.-12 с.
8. Аҳмадов Ҳ.М. Особенности проявления эрозионных процессов в Таджикистане.-Душанбе, 2010.-464с.
9. Аҳмадов Ҳ.М., Аминов Ш.Р., Имомқулова З.А. Чорабиниҳои зиддитаназзулӣ дар боғу токзори нишебзаминҳо бо тавсифи навъҳо ва намудҳои дарахтони мевадиҳанда // Душанбе, "Андалеб-Р", 2016, 288 с.
10. Аҳмадов Ҳ.М., Аминов Ш.Р., Некушоева Г.А. Тавсиянома оиди усули суфазаниҳои сангин барои бунёди боғҳо дар минтақаи кӯҳӣ.- Душанбе, 2015.-12 с.
11. Бурыкин А.М. Агротехнические мероприятия по боьбе с эрозией почв. // Эрозия почв и борьба с ней. - Вып.6.- Душанбе: Таджикгосиздат, 1963, с. 41-52
12. Джунбоев К., Исхаков С. Как предупредить ирригационную эрозию // Сельское хозяйство Киргизии. - 1978. - № 11.- С.45-46.

13. Кирасиров З.А. Почвозащитная способность сельсхозкультур и приемы повышения продуктивности эродированных темных сероземов Таджикистана // автореф. дис. на соискание уч. Степени канд. с/х наук. - Алма-Ата, 1984.-21с.
14. Қобилов Р.С., Холов Б.Н. Усулҳои ҳифзи хок аз шусташавӣ ва беҳтарсозии ҳосилхезии нишебзаминҳо, ҳангоми обёрӣ тавассути борони сунъӣ.- Душанбе, 2009.- 10 с.
15. Махсудов Х. Эродированные почвы аридной зоны, повышение плодородия и защиты от эрозии // авторсф. дис. на соискание уч. Степени докт. с/х наук.-М, 1984.-36с.
16. Нурматов Н.К. Орошение сельскохозяйственных культур на склоновых землях Таджикистана.- Душанбе: Тадж ИНТИ, 1981.-35с.
17. Саидов М. Истилоҳоти экология. Душанбе: "Андалеб-Р", 2016.-180с.
18. Сильвестров С.И. Рельеф и земледелие (в эрозионных районах).- М.: Сельхозгиз, 1955
19. Ханазаров А.А. Мелиоративная эффективность защитных насаждений на горных склонах. // Экспресс-информация. - М.: ЦБНТИ Гослесхоз СССР, вып. 9, 1980, с. 19.
20. Якутилов М.Р. Эрозия почв и мероприятия по борьбе с ней по зонам Таджикистана (обзор). - Душанбе, 1974.-58с.

LITERATURE

1. Armand D.L. Regional systems of anti-erosion measures.- M., 1972, p.542.
2. Akhmadov Kh.M. Patterns of the development of erosion processes in the altitudinal geomorphological zones of the south of Central Asia.// Erosion studies: theory, experiment, practice. (Thesis. Reports of the All-Union Conf. M., December 1991). - M.: MGU, 1991, p. 6-7.
3. Akhmadov Kh.M. Influence of steepness and length of slopes on the development of erosion processes in the mountainous territory of the south of Central Asia. // Izv. Academy of Sciences of the Taj SSR. -Dep. Biol. N. - Dushanbe, 1989, p.23. Dep. In VNITI, 05/17/1990 No. 2715 - at 90.1991. #1
4. Akhmadov Kh.M. General assessment of the infestation of the territory of Tajikistan. // Tr. NIIP.-T.20.- Dushanbe: Donish, 1979.-P. 152-160.
5. Akhmadov Kh.M., Kovalenko V.S. Development of erosion processes in Tajikistan and measures to combat them. -Dushanbe: Tajik NIINTI. -1984, 44p.
6. Akhmadov H.M. Soil erosion in Tajikistan and zoning according to methods of combating it. - Dushanbe, 2010. - 528p.
7. Ahmadov H.M. Aminov Sh.R. Tavsiyanoma oidi usulhoi parvarishi tok dar zaminkhoi shartan oberishavandai mintaqahoi pastkҳҳӣ Tohikiston.- Dushanbe, 2015.-12 p.
8. Ahmadov H.M. Features of the manifestation of erosion processes in Tajikistan.-Dushanbe, 2010.-464p.
9. Ahmadov H.M., Aminov Sh.R., Imomkulova Z.A. Chorabinihoi zidditanazzuli dar bogu tokzori nishebzaminho bo tavsifi navho va namudhoi darakhtoni mevadihonda // Dushanbe, "Andaleb-R", 2016, 288 p.
10. Ahmadov H.M., Aminov Sh.R., Nekushoeva G.A. Tavsiyanoma oidi usuli sufazanihoi sangin baroi bunody bogo dar mintaqai kӯhi. - Dushanbe, 2015.-12 p.
11. Burykin A.M. Agrotechnical measures to combat soil erosion. // Soil erosion and its control. - Issue 6. - Dushanbe: Tajikgosizdat, 1963, p.41-52
12. Junboev K., Iskhakov S. How to prevent irrigation erosion // Agriculture of Kyrgyzstan. - 1978. - No. 11.- P.45-46.
13. Kirasirov Z.A. Soil-protective capacity of agricultural crops and methods for increasing the productivity of eroded dark gray soils of Tajikistan // Abstract of the thesis. dis. for an apprenticeship Cand. agricultural sciences. - Alma-Ata, 1984.-21p.
14. Kobilov R.S., Kholov B.N. Usulhoi hifzi hok az shustashavi va betarsozii hosilkhezii nishebzaminho, khangomi oberi tavasuti boroni suni.- Dushanbe, 2009.- 10 p.
15. Makhsudov Kh. Eroded soils of the arid zone, increasing fertility and protection against erosion. dis. for an apprenticeship Doctorate degrees. agricultural sciences.-M, 1984.-36p.
16. Nurmatov N.K. Irrigation of crops on the sloping lands of Tajikistan.-Dushanbe: Taj INTI, 1981.-35p.
17. Saidov M. Istilohoti ecology. Dushanbe: "Andaleb-R", 2016.-180p.
18. Silvestrov S.I. Relief and agriculture (in erosion areas). - M.: Selkhozgiz, 1955
19. Khanazarov A.A. Ameliorative efficiency of protective plantings on mountain slopes. // Express information. - M.: TsBNTI Gosleskhoz USSR, vol. 9, 1980, p. 19.
20. Yakutilov M.R. Soil erosion and measures to combat it in the zones of Tajikistan (review). - Dushanbe, 1974.-58p.